آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

19 феврали соли 2022
Шанбе
№ 14 (14819)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


*ЯНГИ ҲАЁТ:*

## НАТИҶАИ МУСБИИ ИСЛОҲОТЕ, КИ БА ГИРОМӢ ДОШТАНИ ИНСОН НИГАРОНДА ШУДААСТ




**Президент Шавкат Мирзиёев барои шинос гардидан бо ҳаёти маҳалла ва объектҳои саноатӣ аз ноҳияи Янги ҳаёти шаҳри Тошканд боздид ба амал овард.**

Дар ноҳияи Янги ҳаёт имрӯз ҳаёт воқеан ҷӯш мезанад. Дар ин ҳудуд, ки собиқ марбути ноҳияи Сергелӣ буд, дар муддати кӯтоҳ садҳо иморатҳои бисёрошёна бунёд гардида, ҳазорҳо оила соҳиби манзил гардиданд. Хати метро, роҳҳо, пулҳо сохта шуда, инфрасохтори муносиб ба вуҷуд оварда шудааст.

Роҳбари давлат дар ташрифи пешинаи худ ба Янги ҳаёт бо назардошти афзоиши аҳолӣ дар бораи ногузирии сохтмони корхонаҳои нав, объектҳои истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои кор сухан ба миён оварда буд. Имрӯз ташаббусҳои роҳбари давлат ба навбат ба ҳаёт татбиқ мегардад. Ҳоли ҳозир дар ноҳия теъдоди корхонаҳои калони саноатӣ то 10-то расидааст. Беш аз 2 ҳазор субъекти тиҷорати хурд фаъолият дорад.

Роҳбари давлат аз корхонаи ширинипазии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Almerro group» дар ноҳия боздид намуд.

Корхона дар доираи лоиҳаи қиматаш 70 миллиард сӯм ташкил гардида, марҳалаи якуми он моҳи ноябри соли гузашта ба кор даромада буд. Бинои нави истеҳсолӣ қад афрохта, таҷҳизоти замонавӣ аз Туркия оварда, насб карда шудааст.

Имрӯз корхона қодир аст, ки соле қариб 2 ҳазор тонна маҳсулоти ширинӣ истеҳсол намояд. 95 намуди маҳсулот, аз он ҷумла маҳсулоти шоколад, конфет, печене, вафлӣ истеҳсол мегардад. 120 нафар бо кор таъмин гаштааст.

Роҳбари давлат бо сифати маҳсулоти ширинӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуд.

– Сифаташ хуб. Аммо нархи онро 10-15 фоиз кам кардан мумкин аст, агар, барои мисол, дар ин ҷо истеҳсоли иловаҳои хориҷӣ ба роҳ андохта шавад. Дар он сурат маҳсулот хуб ба фурӯш мерасад, имкони ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии кор фароҳам меояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Пас аз ба кор даромадани марҳалаи дуюми корхона иқтидори солонаи истеҳсолӣ ба 10 ҳазор тонна мерасад. Содир намудани қисми маҳсулот ба мамлакатҳои ҳамсоя ва Муғулистон пешбинӣ мегардад.

4 феврали соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарорро «Дар бораи чорабиниҳо оид ба бунёди технопарки индустриалии «Янги ҳаёт» дар шаҳри Тошканд» имзо намуд.

Зимни боздид аз ноҳияи Янги ҳаёт роҳбари давлат дар маҳалли сохтмони технопарк буд, ки он ба нақша гирифта мешавад.

Барои ин маҷмӯа 210 гектар замин ҷудо карда шудааст. 150 гектари он ба аукцион дар ду марҳала гузошта мешавад. Соҳибкороне, ки қитъаи заминро харид мекунанд, мустақилона корхона месозанд.

– Дар Тошканд захираи замин маҳдуд аст, дар оянда чунин қитъаҳо боқӣ намемонанд. Аз ин рӯ ҳар як ваҷаби онро оқилона бояд истифода намуд. Корхонаҳоро дуошёна сохтан мувофиқи мақсад аст, – гуфт Президент.

Дар корхонаҳое, ки дар технопарк ҷой мегиранд, ба вуҷуд овардани 20 ҳазор ҷойи кор ба нақша гирифта шудааст. Умуман минтақаи саноатӣ барои васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, татбиқи технологияи замонавӣ ба соҳаҳои саноат ва ба василаи он таъмин намудани шуғли аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳамин ҷо тақдимоти маҳсулоти корхонаҳои ноҳияи Янги ҳаёт баргузор гардид.

Дар ин ҷо Президент Шавкат Мирзиёев бо ҳаёти маҳаллаи «Дӯстлик»-и ноҳияи Янги ҳаёт шинос гардид.

Дар ин ҷо 11 иморати бисёрҳуҷрагӣ вуҷуд дошта, дар онҳо беш аз 4 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Дар ҳудуди маҳалла коллеҷи касбу ҳунар, муассисаҳои таълими томактабӣ, дорухона, мағоза, маҳалли хидмати маишӣ фаъолият доранд.

Пештар маҳалла беэътибор монда буд. Соли гузашта онро дар доираи барномаи «Маҳаллаи обод» обод карда буданд. Майдонҳои бозии бачагона ва варзишӣ сохта шуда, мағоза ва ателе кушода шуданд.

Роҳбари давлат корҳои анҷомдодаро аз назар гузаронд. Бо раиси маҳалла ва ёвари ҳоким суҳбат намуд.

– Халқамон муносиби он аст, ки дар чунин муҳити обод ва зебо зиндагӣ кунад. Маҳз мақсад аз кӯшишамон дар бобати ташкили кор дар басти маҳаллаҳо аз ҳамин иборат аст. Ҳоло дар маҳалла муносиботи дӯстона ва некҳамсоягӣ бояд ҳукмрон бошад. Тадбирҳоро дар рӯҳи арзишҳои ба халқамон мос гузарондан мумкин аст, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар бинои нави ҷамоати шаҳрвандон бо фаъолони маҳалла, намояндагони насли куҳансол вохӯрӣ ба амал омад.

– Маҳалла – пойгоҳи давлат, – гуфт Президент. – Агар вай обод бошад, мамлакат низ обод мегардад. Худатон мебинед, ки замон ноором аст. Тавре ки дар оила фикрҳо гуногун мебошад, ҳамин тариқ давлате ҳам вуҷуд надорад, ки дар он мушкилот вуҷуд надошта бошад. Мо босаброна, ба илм, меҳнати пурмашаққат ва кӯшишот такя намуда, нақшаҳоямонро татбиқ месозем.

Дар асоси низоми наве, ки дар мамлакат татбиқ мегардад, ёварони ҳокимон ва пешвоёни ҷавонон дар 30 маҳаллаи ноҳияи Янги ҳаёт таъин гаштаанд.

– Собиқ одамон бо ташвишҳои худ ба ҳокимият мерафтанд, шикоятҳо менавиштанд. Ҳоло дар ҳар як маҳалла намояндагони Президент ҳастанд. Онҳо вазъияти оилаҳоро бояд омӯзанд, онҳое, ки ба ёрдам ниёз доранд, кумак кунанд, дар бобати бо таълими касбӣ фаро гирифтани бекорон, ҷудо намудани кредит ва субсиди имтиёзнок корро ташкил намоянд, – гуфт роҳбари давлат.

Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаи сохтмони объектҳои хидматрасонии сарироҳӣ – «бокс стрит»-и шафати роҳи паҳлӯии Тошканд шинос гардид.

Чунин маҷмӯаҳо дар тамоми ҷаҳон худро сафед кардаанд. Лоиҳае, ки ба роҳбари давлат пешниҳод гардид, ба вуҷуд овардани фурӯшгоҳҳои шабонарӯзӣ, нуқтаҳои хӯроквории ҷамъиятӣ, хидмати маиширо пешбинӣ менамояд. Барои коҳиши нарх ва тезондани сохтмон контейнерҳои боркаш истифода мегарданд.

Барои ин лоиҳа ҷудо намудани 7 гектар замин дар назар дошта шудааст. Объектҳо аз тариқи соҳибкорон ба воситаи онлайн-аукцион фурӯхта мешаванд. Ба вуҷуд овардани беш аз 500 ҷойи кор пешбинӣ мегардад.

Президент инчунин яке аз электробусҳое, ки дар Тошканд равуо мекунанд, аз назар гузаронд. Дар бобати инкишофи нақлиёти «сабз», таҳияи марҳалаҳои минбаъдаи сохтмони метрополитен ва хобондани роҳҳои трамвай супориш дод.

Шавкат Мирзиёев аз маҷмӯи савдову истеҳсолии «Tashkent INDEX»-и ноҳияи Янги ҳаёт боздид намуд.

Маҷмӯа 72 гектарро дар бар мегирад. Дар ин ҷо дар доираи лоиҳа ба миқдори 1 триллиону 300 миллиард сӯм объектҳои савдо, логистика ва намоишгоҳҳо, меҳмонхона ва ҳавзаҳои хӯроквории ҷамъиятӣ бунёд мегарданд. Миқдори умумии ҷойҳои кор 13 ҳазорро ташкил мекунад. Марҳалаи якуми лоиҳа дар арафаи ҷашни Наврӯзи соли ҷорӣ анҷом меёбад.

Дар ин ҷо ҷамъомад доир ба масъалаҳои инкишофи иҷтимоиву иқтисодии ноҳияҳои Янги ҳаёт ва Сергелӣ ба вуқӯъ пайваст.

Таъкид шуд, ки соли гузашта дар ноҳияи Янги ҳаёт 600 лоиҳа татбиқ гардида, беш аз 3 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд. Дар ноҳияи Сергелӣ бошад, дар доираи 65 лоиҳа 2,6 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда шуд. Кӯдакистонҳои нав, поликлиника, майдонҳои варзишӣ кушода шуда, роҳҳои дохилӣ ва шабакаҳои коммуналӣ таъмир гардиданд.

Дар ҷамъомад вазифаҳои соли ҷорӣ баррасӣ гардиданд.

Соли ҷорӣ дар Янги ҳаёт ба амал татбиқ намудани 61 лоиҳа ба қимати 3,8 триллион сӯм ва ба вуҷуд овардани 26 ҳазор ҷойи нави кор ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи лоиҳаи «Янги шаҳр» сохтмони 5 миллион метри мураббаъ манзил ва чандин объекти иҷтимоӣ дар назар дошта шудааст. Кор дар бобати аз байн бурдани биноҳои куҳнаи чӯбин дар мавзеи «Спутник» ва барномаи кӯчондани сокинони онҳо ба иморатҳои замонавӣ оғоз меёбад.

Дар маҳаллаҳои аҳолиаш зич 3 кӯдакистон кушода шуда, дар ду мактаб биноҳои иловагӣ сохта мешавад. Бо назардошти фикри ҷамъият барои ҳалли ташвишҳои ҷиддӣ 3,2 миллиард сӯм маблағ равон карда мешавад.

Дар ноҳияи Сергелӣ 79 лоиҳаи сармоягузорӣ ба миқдори 6,4 триллион сӯм ба нақша гирифта шуда, 31 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳамин тариқ, истеҳсоли профилҳои алюмин дар корхонаи «Алютекс», қисмҳои эҳтиётии электромобил дар корхонаи «Резалит строй груп» роҳандозӣ мегардад.

Дар ноҳия 2 мактаб, 2 кӯдакистон ва поликлиникаи оилавӣ сохта мешавад. Сохтмони маҷмӯи иқоматии «Янги Ӯзбекистон» дар мавзеи Алишери Навоӣ сар мешавад.

Дар ҷамъомад ҳокимони ноҳияҳо ва роҳбарон баромад карданд. Онҳо дар бораи нақшаҳо бобати татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳамкорӣ бо ёварони ҳокимон ва пешвоёни ҷавонон гузориш доданд.

Бинобар нақша ёварони ҳокимон дар ташкили субъектҳои соҳибкорӣ, таъмини шуғл, интихоби касби шаҳрвандон фаъолона ҳамдастӣ хоҳанд кард.

Пешвоёни ҷавонон дар маҳаллаҳои худ ташвишҳои ҷавононро омӯхта, ба татбиқи ғояи тиҷоратии онҳо мусоидат намуда, дар ташкили вақти озоди ҷавонон ва ба варзишу китобхонӣ ҷалб намудани онҳо фаъолият зоҳир мекунанд.

Президент ба онҳо дар ин самт тавсияҳои муҳим дода, таъкид кард, ки дар фаъолияти онҳо шуҷоат, ташаббускорӣ ва эҳсоси ватанпарастӣ муҳим мебошад.


**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Абдулазиз МУСОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*


## СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ БА АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ПЕШНИҲОД КАРДА ШУД

***Дар ситодхонаи СММ воқеъ дар Ню-Йорк аввалин машваратҳои мавзӯии Ассамблеяи Генералӣ бахшида ба муҳокимаи маърӯзаи пештар паҳншудаи котиби генералӣ Антониу Гутерриш «Рӯзномаи умумии мо» оғоз ёфтанд.***

Маърӯзаи котиби генералӣ барномаи амалиётест, ки бояд саъю кӯшишҳои байналхалқиро бобати тезондан ва дар ҳаҷми пурра татбиқ сохтани Ҳадафҳои рушди устувор дар давраи то соли 2030-юмро дар бар гирад. Ҳуҷҷати мазкур назари стратегии роҳбари СММ нисбат ба ҳамкориҳои минбаъдаи ҷаҳонӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти мунтазами бисёрҷанбаро инъикос мекунад.

Дар чорабинӣ котиби генералии СММ Антониу Гутерриш, раиси иҷлосияи 76-уми Ассамблеяи Генералии СММ Аҳмад Шаҳид, ҳамчунин намояндагони доимии давлатҳои аъзои созмон иштирок карданд.

Котиби генералии СММ изҳороти худро, ки дар ҷараёни пешниҳоди маърӯзаи «Рӯзномаи умумии мо» моҳи сентябри соли 2021-ум баён дошта буд, хотиррасон кард: ҷаҳон дар пеши интихоботи қатъии байни сенарии фоҷиавии рушди шиддат, бад гардидани ҳолати муҳити атроф, холигоҳи иқлим ва имконияти баромадан ба ояндаи бехавфу осуда қарор дорад.

Роҳбари СММ иттилоъ дод, ки ният дорад моҳи сентябри соли равон Ҳамоиширо бобати навсозии низоми таълим даъват намояд. Бинобар маълумоти ӯ то пандемия беш аз 260 миллион кӯдакон ба мактаб намерафтанд, нисфи тамоми бачагони 10-сола дар кишварҳои инкишофёбанда наметавонистанд ҷумлаи оддиро хонанд. Бухрони соҳаи таълим эътибори ҷиддии ҷомеаи байналхалқиро тақозо дорад.

Дар доираи чорабинӣ Намояндаи доимии кишвари мо дар назди СММ, сафир Бахтиёр Иброҳимов иштирокдорони машваратро бо дастурҳои асосии Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав дар солҳои 2022-2026, ки ба мақсад ва вазифаҳои ҳуҷҷати барномавии котиби генералии СММ «Рӯзномаи умумии мо» мувофиқат мекунад, шинос кард.

Таъкид шуд, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон ислоҳоти васеъмиқёс ва фарогири иҷтимоӣ идома доранд, ки бояд накӯҳолии минбаъдаи аҳолӣ ва муваффақшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устуворро таъмин кунанд.

Зикр шуд, ки Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав, ки бо ташаббуси роҳбари давлат қабул гардид, 7 самти асосиро дар бар мегирад. Ба баланд бардоштани шарафи инсонӣ, мустаҳкам кардани равандҳои адолат ва қонун, таъмин сохтани баробарии гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, афзудани фаъолнокии ҷамъиятию сиёсии онҳо эътибори махсус дода мешавад. Изҳор шуд, ки стратегия такмил додани ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон, барои рушди маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо фароҳам овардани шароит, имконият ба гирифтани таълими босифат ва шуғли зарурӣро пешбинӣ менамояд.

Садоқати Ӯзбекистон ба ҳамкории қарини минбаъда бо СММ ва дигар давлатҳои аъзо бобати бомуваффақият татбиқ намудани Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла, дастурҳои мувофиқшудаи барномаи амалиёти «Рӯзномаи умумии мо» ба мақсади бунёди ояндаи устувортар ва инклюзивӣ, ки ҳеҷ кас фаромӯш нашавад, таъкид шуд.


**АИ «Дунё»,**
*шаҳри НЮ-ЙОРК.*


**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2022

Наврӯз, ки таҷассуми рӯшани таърихи куҳан, фарҳанги ғанӣ ва суннатҳои неки халқи мост, аз қадимулайём ҷараёнҳои эҳё ва бедории табиат ва олами маънавии инсонро инъикос намуда, барои мо аз ҷашнҳои маҳбубтарини миллӣ гардидааст.

Бояд гуфт, ки ҳамоҳангӣ бо олами атроф, инсонпарварӣ, меҳру муҳаббат, кушодадилӣ, дӯстӣ ва ҳамдилӣ рӯҳ ва фалсафаи ин ҷашни қадимиро инъикос мекунанд. Ҳоли ҳозир ин сифатҳои олӣ маъниву мазмуни беш аз пеш амиқ пайдо кардаанд. Наврӯз дар зумраи суннатҳои дигари миллӣ ҳамчун такягоҳи маънавии ислоҳоти васеъмиқёси демократии татбиққардаистодаи мо хидмат карда, ба ҳадафҳои муҳимтарин, аз ҷумла дар мамлакат бунёд кардани ҳаёти озоду фаровон, баланд бардоштани арзиши инсон нигаронида шудааст.

Дар шароити Ӯзбекистони Нав, дар замоне ки ҳар як ҳамватани мо, новобаста аз миллат, забон ва дини худ, ҳуқуқ ва манфиат, шаъну шарафи худро беш аз пеш амиқ идрок мекунад, Наврӯз воқеан ҷашни умумихалқӣ гардид ва бо хурсандиву рӯҳбаландии бузург таҷлил мегардад.

Бо назардошти аҳамияти бузурги Наврӯз, ки онро тӯли асрҳои зиёд мардуми мо ҳифз кардаву эҳтиром мегузоранду аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни умумихалқӣ эътироф шудааст, ҳамчунин ба мақсади дар сатҳи баланд, дар ҳамоҳангӣ бо ҷараёнҳои дигаргунӣ ва навсозиҳои кунунӣ гузаронидани он:

1. Наврӯзи соли 2022-юм дар мамлакат ҳамчун иди байналхалқӣ таҳти шиори **«Ассалом, Наврӯз – ҷашни эҳё ва меҳру мурувват, шаъну шараф!»** дар сатҳи баланд гузаронида шавад.

2. Ҳайати Кумитаи ташкилӣ бинобар тайёрӣ ва баргузории ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2022-юм мувофиқи замимаи №1;

«Харитаи амалиёт» бобати гузаронидани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2022-юм мувофиқи замимаи №2 тасдиқ карда шаванд.

Ба Кумитаи ташкилӣ (А.Н.Арипов) супурда шавад, ки татбиқи самарабахши чорабиниҳои «Харитаи амалиёт», ҳамчунин васеъ таҷлил кардани ҷашни Наврӯз ҳамчун иди умумихалқӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, маркази вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, дар тамоми ноҳияҳо ва шаҳрҳо, деҳот ва овулҳоро таъмин кунад.

3. Ба мақсади дар сатҳи баланд таҷлил намудани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар маҳалҳо ба инҳо эътибори махсус дода шавад:

дар рӯзҳои Наврӯз ба роҳ мондани чорабиниҳои маънавиву маърифатие, ки ҳамоҳангии инсон ва табиат, меҳру муҳаббат ва ғамхории ӯ нисбати сарзамини азизро инъикос мекунанд, муносибати эҳтиёткоронаро ба саховати он бедор менамоянд, инсонро ба ҳимматбаландӣ, арҷ гузоштан ба ҳаёти осудаи имрӯза, тараннуми шаъну шарафи инсон даъват мекунанд;

ба инъикоси ҳамоҳангӣ бо суннатҳои таърихӣ ва анъанаҳои Наврӯз бо усулҳои муассир, ба ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ, ки солҳои охир дар мамлакат татбиқ мегарданд, дигаргуниҳои мусбате, ки дар ҳаёти халқи мо, ҷаҳонбинии одамон рух медиҳанд;

дар маҷмӯи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Тошканд ба роҳ мондани сайр дар пояи барномаи алоҳида;

баргузор кардани чорабиниҳои хайрияи бахшида ба ҷашн, ки ба ғамхориву эътибори ҳамаҷониба нисбати собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, куҳансолон, кумак ва дастгирии тарбиягирандагони хонаҳои «Меҳрубонӣ» ва «Мурувват», шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои «Саховат» буду бош доранд, онҳое, ки ба дафтарҳои «оҳанин», «занон», «ҷавонон» ва «дафтари меҳру мурувват» дохил карда шудаанд, нигаронида шудааст.

Ташкил кардани чорабиниҳое, ки дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Манзили сабз» оғоз гардидаанд, ҳамчунин дар арафаи ҷашни Наврӯз гузаронидани ҳашарҳои умумихалқӣ бинобар ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар тамоми минтақаҳо, дар ҳар кадом ноҳия ва шаҳри ҷумҳурӣ, дар ҳар як кӯча ва ҳар кадом маҳалла;

васеъ тарғибу ташвиқ намудани натиҷаҳои амалии корҳои мунтазам бинобар дар мамлакат мустаҳкам кардани муҳити дӯстӣ ва ҳамдилии байнимиллӣ, рушди анъанаву урфу одатҳо, суннатҳои маънавии миллат ва халқиятҳои гуногуне, ки намояндагони онҳо дар Ӯзбекистон зисту зиндагӣ доранд;

ба роҳ мондани намоишгоҳи маснуоти ҳунармандӣ, мусобиқаҳо бинобар хелҳои миллии варзиш, бозори китобҳо, нуқтаҳои сайёри савдо, ҳамчунин тайёр кардан ва омода намудани таомҳои баҳорӣ дар ҷойҳои чорабиниҳои ҷашнӣ;

дар расонаҳои ахбори оммавӣ дар ҷараёни чорабиниҳои ҷашнӣ васеъ равшан кардани таърихи Наврӯз, аҳамият ва моҳияти урфу одат ва анъанаҳои ба он вобастаи сокинони ҳар як минтақа дар тамоми шаҳрҳо ва деҳот.

4. Ба Вазорати фарҳанг (О.А.Назарбеков) супурда шавад, ки:

якҷо бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ (М.М.Ҳоҷиматов) ва Иттиҳоди нависандагон (С.С.Сайидов) дар муҳлати як ҳафта сенария ва барномаи театрикунонидашудаи намоишгоҳҳои консертиро, ки дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни умумихалқии Наврӯз гузаронида мешаванд, кор карда бароянд;

бобати дар сатҳи баланди бадеӣ бо ҷалби таҳиягарон ва коргардонҳои соҳибтаҷриба, оҳангсозон, балетмейстерҳо, рассомони саҳнавӣ, иҷрогарони соҳибистеъдоди ҷавон ва намояндагони санъати фолклор тайёр кардани намоишҳои консертӣ чораҳо андешида шаванд.

5. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки:

а) дар муҳлати як ҳафта барномаҳои минтақавиро бинобар баргузор кардани сайрҳои халқӣ бахшида ба ҷашни Наврӯз, ки дар онҳо инҳо пешбинӣ гардидаанд, кор карда бароянд ва тасдиқ кунанд:


**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

***НАЗАРЕ АЗ ИТАЛИЯ:***

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО КАФОЛАТИ ОЗОДИИ АФКОР ГАРДИШИ ИСЛОҲОТИРО БА МИЁН ОВАРД, ТАШАББУСКОРИ ИСЛОҲОТИ МУҲИМ ВА ҶАРАЁНИ БОЗСОЗИИ МАМЛАКАТ ГАРДИД

***Дар Рим муаррифии китоби нав ба забони италиёӣ «Низоми Ўзбекистон. Италия ва Ўзбекистон: мероси робитаҳои бисёрасрина» («Sistema Uzbekistan. L'Italia eL'Uzbekistan: L'Eridita di in Legame Secolare») ба амал омад.***

Нашри китоб ба 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатии байни Италия ва Ўзбекистон бахшида шуд, ки кишварҳо онро 24 марти соли 2022 қайд мекунанд. Китоб дар таърихи муносибатҳои тарафайни Ўзбекистон ва Италия аввалин чунин баёз гардид. Ташаббускори интишори он президенти ширкати «Fondazione Omnia»-и Италия Паоло де Анҷелис ва муовини аввали директори Оҷонсии мероси фарҳангии назди Вазорати сайёҳӣ ва варзиш, Арбоби шоистаи санъати Ўзбекистон Турсуналӣ Қўзиев, бо дастгирии сафорати Ўзбекистон дар Рим ва сафорати Италия дар Тошканд гардиданд.

Китоб аз ҷониби нашриёти «Eurlimk University Press»-и назди Донишгоҳи Рим «Link Campus University» чоп шуд. Теъдоди аввалини он 2 ҳазор адад мебошад. Вай дар китобхонаҳои университети «Link Campus University» ва клуби бонуфузи «Circolo degli Estrei» нигоҳдорӣ мешавад, ки намояндагони шинохтаи ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва доираҳои иқтисодӣ, арбобони фарҳанг ва санъат, ҳамчунин роҳбарияти ВКХ Италия, ҳамчунин сафирони хориҷие, ки дар мамлакат кор мекунанд, аъзои он ба шумор меравaнд. Ғайр аз ин, китоб ба реестри электронии китобҳои наве, ки дар Италия интишор мешаванду аз онҳо дуконҳои китобфурўшӣ ва китобхонаҳои тамоми ҳудуди мамлакат ҳангоми навсозӣ ва пуркунии фондҳои худ истифода мебаранд, дохил карда хоҳад шуд.

Дар саҳифаҳои китоб қайд мегардад, Ўзбекистон ҷумҳурии ҷавонест, ки таъриху маданияти ҳазорсола дорад, дар бораи онҳо осори нодире, ки аз ҷониби ЮНЕСКО сарвати инсоният эълон шудаанд, ҳикоя мекунанд.

Бинобар ақидаи муаллифон, бо вуҷуди маҳрум будан аз роҳи баромад ба баҳр Ўзбекистон ба шарофати мавқеи марказии худ дар Осиё ва инфрасохтори хуб платформаи муҳими савдо ба шумор меравад ва чорроҳаи табиии қисмати зиёди Шоҳроҳи абрешим маҳсуб меёбад.

«Президент Шавкат Мирзиёев бо кафолати озодии афкор ислоҳоти бемисл ба амал овард ва ташаббусҳои муҳиму ҷараёни бозсозии мамлакатро ба миён гузошт. Ба шарофати озодтабодулии асъори мамлакат Ўзбекистон ҳамчунин барои сармояҳои хориҷӣ кишвари ҷолиб гардид», менависанд муаллифон.

Сарсухани китобро арбоби бонуфузи сиёсии Италия, профессор Венчинсо Скотти навиштааст, ки чандин бор роҳбари вазоратҳои мамлакат буд ва бахри бунёди Донишгоҳи Рим «Link Campus University» саҳми бузург гузоштааст.

Ў аз ҷумла аҳамияти дипломатияи байнидавлатиро, ки ба зиммаи он аз тариқи ба роҳ мондани мулоқот роҳи қаринсозии байни ҷомеаҳо ва фарҳангҳои мухталиф имконпазир аст, таъкид мекунад. «Тўли сӣ соли охир мо чандин ҳамкориҳои маданӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва варзиширо мушоҳида кардем, бахусус дониши амиқ ва тарафайни таърихҳо, анъанаҳо, иқтисодиёт ва ҷомеаи мамлакат метавонанд монеаҳоро аз миён бардоранд ва роҳҳои навро боз кунанд».

Сафири Италия дар Ўзбекистон Агостино Пинна низ ба хонандагони китоб бо сухани табрикӣ муроҷиат кардааст, вай қайд менамояд, ки «ба ман аз тобистони соли 2020-ум бахти дар ин кишвари муҳими Осиёи Марказӣ кор кардан насиб кард, ин давроні барномаҳои ислоҳоти бемисли сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буданд, ки Ўзбекистонро дар сатҳи байналхалқӣ хеле шаффоф мекунанд ва ба мулоқоти мунтазам бо Италия мусоидат менамоянд».

Дипломат аҳамияти «муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду мамлакатро, ки ҳоли ҳозир инкишоф меёбад ва минбаъд метавонад бинобар ҷиҳати мутаносиби иқтисодиёти ду мамлакат даромади иловагӣ оварад, махсус таъкид кард. Хоҳишҳое, ки аз ширкатҳои италиёвӣ мерасанд, дар ин бобат хеле мусбӣ мебошанд, ҳатто мушкилоти ба сабаби пандемия бамиёномада низ натавонистанд орзуҳои онҳоро барои фаъолона ворид шудан ба бозори Ўзбекистон пойбаст кунанд». Дар китоб ҳамчунин мақолаи сафири Ўзбекистон дар Италия Отабек Акбаров ҷой дорад. Дар он зикр мегардад, ки Тошканд Италияро ба сифати шарики муътамади худ дар Аврупо яке аз марказҳои муҳими сиёсат, иқтисод ва маданияти ҷаҳонӣ баррасӣ мекунад. Дар тўли 30 соли пас аз истиқрори муносибатҳои дипломатии ду мамлакат таҷрибаи зиёди мусбати кори тарафайн ба миён омад. Ҷонибҳо ният доранд, ки дар асоси он солҳои наздик ҳамкориҳои бисёрҷанбаи худро вусъат диҳанд, фаъолтар кунанд, ба он сифати нав бахшанд.

Дар мақола таъкид мешавад, ки солҳои охир дар муносибатҳои ўзбекистониву италиёвӣ ҷараёни нав инкишоф меёбад, ки он дар робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву инсондўстӣ зоҳир мегардад. Ин ба мулоқоти дараҷаҳои оливу баланд, робитаҳои байнипарлумонӣ бинобар хатти гурўҳи дўстӣ таъаллуқ дорад.

Дар муаррифии китоб муовини аввали директори Оҷонсии мероси фарҳангии назди Вазорати сайёҳӣ ва варзиш, Арбоби шоистаи санъати Ўзбекистон Турсуналӣ Қўзиев баромад кард.




Вай қайд намуд, ки китоби мазкур дар таърихи муносибатҳои тарафайни Ўзбекистон ва Италия саҳифаи нав боз мекунад. Изҳори бовар кард, ки ҷомеаи Италия китобро хонда, аз фарҳанг, таърихи Ўзбекистон хабардор мешавад, рушди кунунии сиёсӣ ва иқтисодии вай, санадҳои бисёру мароқоварро дарк менамояд. Хонандагон ҳамчунин барои худ уфуқҳои наверо пайдо мекунанд, ки ду кишварро ба ҳам, бахусус дар соҳаҳои анъанаҳо, менталитет, таърих, фарҳанг ва меъморӣ мепайванданд, муттаҳид мекунанд.

Яке аз таҳиягарони китоб, президенти ширкати «Fondazione Omnia»-и Италия Паоло де Анҷелис дар баромади худ аз хусуси ислоҳоти васеъмиқёси Ўзбекистон ва суръати баланди рушди иқтисодии мамлакат маълумот дод.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Рим.*

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРЎЗ ДАР СОЛИ 2022

(Аввалаш дар саҳ.1).

мушаххас намудани майдонҳо, хиёбонҳо ва кўчаҳо барои баргузор кардани сайрҳои халқии бахшида ба Наврўз, ороишоти ҷашнии онҳо ва тайёр кардани саҳнаҳо;

мувофиқи тартиби муқарраршуда васеъ ҷалб намудани гурўҳҳои фолклорӣ, ҷамоаҳои худфаъоли бадеӣ, устодони санъати сирк, ансамблҳои оилавӣ, бахшиҳо, шоирон, иҷрогарони касбӣ ва ҳунармандони соҳибистеъдод ба сайрҳои халқӣ, ки дар маҳалҳо гузаронида мешаванд;

дар доираи чорабиниҳои ҷашнӣ дар ҳар кадом минтақа гузаронидани бозиҳои халқӣ намоишҳо ва намоишгоҳҳои маҳсулоти ҳунармандони халқӣ, ҷойгузин кардани павилонҳои кушод барои фурўши таомҳои баҳорӣ;

б) таъмин кардани ҷалби васеи мардум ба тайёр намудани барнома ва намоишҳои оммавии ҷашнӣ, ороишоти кўчаҳо, хиёбонҳо ва майдонҳо аз ҷумлаи гурўҳҳои эҷодӣ ва мутахассисони соҳибтаҷриба;

в) таъмин сохтани баргузории тамоми чорабиниҳо бо риояи ҷиддии қоидаҳо ва талаботи карантин оид ба амнияти ҷамъиятӣ.

6. Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вобаста ба баргузории чорабиниҳои ҷашнӣ:

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағҳои буҷаи давлатӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд бо ҳиссаи баробар;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби маблағҳои буҷаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва буҷаҳои маҳаллии вилоятҳо пардохта мешавад.

7. Ба Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки ҷараёни тайёрӣ ва баргузории ҷашни умумихалқии Наврўзро ҳамаҷониба равшан кунанд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н.Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон А.А.Абдувахитов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 17 феврали соли 2022.*

# КОРРУПСИЯИ НИЗОМИ ҲИФЗИ ТАНДУРУСТӢ

***Дар ҷамъомади навбатии шўрои ҳудудии мубориза алайҳи коррупсияи вилояти Бухоро асосан ҳамин масъала мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар кори он аъзои шўрои ҳудуди вилоятии мубориза ба муқобили коррупсия, роҳбарони секторҳо, депутатҳои шўрои вилоятии намояндагони халқ, роҳбарони садоратҳо, кормандони алоқаманди соҳа иштирок карданд.***

Ҷамъомадро раиси шўрои ҳудудии мубориза алайҳи коррупсия, ҳокими вилоят Ботир Зарипов идора кард.

Таъкид гардид, ки бо вуҷуди таҳияи як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ бобати ба соҳаи аз коррупсия берун табдил додани низоми ҳифзи тандурустӣ, аз байн бардоштани ин иллати хатарнок, ҷорӣ намудани принсипи кушодию шаффофӣ дар соҳа ҳамоно корҳои амалӣ дар ин бора ҷавобгўи талаб нест. Баъзе роҳбарони соҳа аз ин иллат раҳоӣ наёфтаанд.

Дар ҷамъомад директори Агентии мубориза алайҳи коррупсия Акмал Бурҳонов, раиси Қўмитаи масъалаҳои суду ҳуқуқ ва мубориза зидди коррупсияи Сенати Олий Маҷлис Наримон Умаров ба сухан баромаданд. Чи хеле ки таъкид ёфт, фақат соли гузашта дар муассисаҳои тиббии вилоят вобаста бо шуғл фарогирӣ 14 ҷиноят сар задааст. Мутаассифона, аксарияти онҳо аз тамаъгарӣ иборатанд. Ду соли охир вобаста ба пинҳон доштани ҷойҳои холии корӣ 33 қонуншиканӣ рух додааст. Шахсони амалдори гунаҳкор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Аз рўи масъала гузориши прокурори вилоят Маҳмуд Истамов низ шунида шуд. Маълум гардид, ки ду соли охир нисбати 1 ҳазору 984 нафар кормандони тиббӣ санҷиши хидматӣ ба амал омада, бо 2 ҳазору 651 нафар кормандони соҳа, ки ба вазифаашон саҳлангорӣ кардаанд, шартномаи меҳнатӣ қатъ гардонда шудааст. Аз ҷумла, 667 нафари онҳо духтурони маълумоти олидор мебошанд. 2 ҳазору 651 нафар кормандони тиббӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд. Ҳамин тариқ, дар ин давра даъвои 12 нафар кормандонро суд эҷобӣ ҳал карда, ба вазифаашон баргардондаанд ва онҳо ба андозаи 29 миллион сўм маблағашонро ситонда гирифтаанд. Дар тадбир қаноатбахш набудани кор бо кадрҳо таъкид ёфт ва ҳисоботи сардори садорати ҳифзи тандурустии вилоят Аскар Баҳронов низ шунида шуд.

Дар ҷамъомад оиди бартараф гардондани камбудиҳо ва пешгирӣ намудани норасоиҳо таклифу супоришҳо ба майдон омад.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД ВА САТҲИ ДОНИШИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ

***Мо давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд месозем. Биноан, дар соҳаҳои гуногун қонунҳои Ўзбекистон ба тасвиб мерасанд. Вале дониши ҳуқуқии хидматгузорони давлатӣ, дар маҷмўъ аҳолӣ, дар кадом сатҳ аст? Оё онҳо ҳаққу ҳуқуқи худро медонанд? Барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ бояд чӣ корҳоро анҷом дод?***

Чанде қабл дар нишасти матбуотие, ки дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки ходимони масъули Вазорати адлия доир ба мавзўи "Расонданӣ асноди қонунҳои батасвибрасида ба қишри васеи аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ" баргузор шуд, дар ин хусус ва дигар масоили марбут ба ҳаққу ҳуқуқи аҳолӣ сухан ба миён омад.

Ходимони масъули вазорати мазкур изҳор доштанд, ки доир ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ тўли соли сипаригардида хеле корҳо ба субут расиданд.

Бино ба маълумоти пешниҳоднамудаи онҳо соли сипаригардида аз ҷониби вазорат таҳти шиори "Интихобот – 2021: ба ояндаи худ овоз бидеҳ" бино ба баланд бардоштани сатҳи дониши ҳу-қуқии аҳолӣ доир ба қонунгузории интихобот чораҳои тарғиботӣ гузаронда шудаанд.

Бо иштироки 2 миллион нафар ҷавонон дар сартосари ҷумҳурӣ баргузории семинар-тренинг доир ба мавзўи "Ватан дар тақдири ман" аз чорбиниҳои муфид буд.

Ҳамчунин, баромадкунандагон изҳор доштанд, ки ба мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ дар шабакаҳои Интернет порталҳои ҳуқуқии "Kurslar. Huquqiyportal.uz" ва «Yurxizmat.uz» роҳандозӣ шудаанд. Баргузории аксияи ҳуқуқии "Кўмак ба фермерон" низ хотирмон буд. Бино ба асноди қонунгузории барои давлату ҷамъият муҳим, ки дар тўли ҳафта ба тасвиб мерасанд, таҳти рукни "Навгониҳои қонунгузорӣ" ба се забон омода гардидани видеороликҳо аз чорабиниҳои сариваqтӣ буданд.

Дар соли сипаригардида аз қабили "Маҷмўи асноди қонунӣ доир ба интихобот", "Сад суолу сад посух", "Энсиклопедияи ҳуқуқӣ барои ҷавонон", "Энсиклопедияи ҳуқуқӣ барои бачаҳо", "Энсиклопедияи ҳуқуқӣ барои оила" чанд китобу дастур доир ба баланд бардоштани донишу маданияти ҳуқуқии аҳолӣ рўйи чопро диданд...

Бале, нишастҳои матбуотӣ доир ба ин ё он мавзўъ баргузор мешаванд, ходимони вазорату идораҳо аз рўйи вазифа бино ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот медиҳанд. Вале дар асл мебинед, ки донишу маданияти ҳуқуқии мансабдорони давлатӣ ва аҳолӣ на он қадар ба талаб ҷавоб медиҳад, шаффофият дар кору фаъолияти ҳамаи идораву корхонаҳои давлатӣ ба назар намерасад, ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ дар гирифтани маълумоти зарурӣ, ки бояд фаврӣ ба дасти чоп расанд, ба мушкилиҳо мувоҷеҳ мешаванд...

Дар поёни нишаст ба саволҳои ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ, ки ба мушкилоти мавҷуда низ дахл доштанд, масъулони соҳа дар доираи қонунгузорӣ ҷавоб доданд.

**А. СУБҲОНОВ, хабарнигори "Овози тоҷик".**




*Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Thermo install»-и шаҳри Навоӣ, ки соли 2019 созмон дода шудааст, дар асоси технологияҳои замонавӣ дегҳои гармидиҳӣ ва барои гарм кардани биноҳои ҷамъиятиву хусусӣ радиаторҳо истеҳсол менамоянд. 120 нафар коргари корхона, ки қисми зиёдашонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ба ҳисоби миёна соле 22 ҳазор дона ин гуна маҳсулот истеҳсол менамоянд. Зиёд кардани навҳои маҳсулот дар нақша аст.*

***Дар акс:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди мазкур.*

***Аксбардор: С.АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ОЛТИАРИҚ ДАР ОЯНДА АНГУРИ ХУДРО БА ХОРИҶ СОДИР МЕКУНАД

Талу теппаҳои марбути Паркҳои алтернативии мошину трактор(ПАМТ)-и шаҳраки Катпути ноҳияи Олтиариқ барои кушодани ҳазор гектар замин ва ба ангурзор табдил додани он хеле мувофиқ мебошад. Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров зимни анҷоми дидору мулоқот бо сокинони ин шаҳрак аввал дар ҳамин бора ибрози назар намуд.

– Ин талу теппаҳо, ки садсолаҳо ба ин сў ҳамчун заминҳои бекорхобида аз мадди назар дур мондаанд ва барои мардуми мо захираи пурарзиш маҳсуб меёбанд, ҷиҳати парвариши ҳосили бобаракати ангур хеле мусоидат хоҳанд кард. Зеро ниҳолҳои ангур дар ин талу теппаҳо ҷавлонзанон нашъунамо меёбанд. Гузашта аз ин, аз ҳисоби азхудкунии заминҳо маишати аъзои хонаводаҳои зиёд таъмин мегарданд, – изҳор кард вай.

Дар ин мулоқот роҳбарони секторҳо, сардорони идораву муассисаҳо ва раисони ҷамоатҳои шаҳрвандӣ низ мушорикат доштанд. Гуфта шуд, ки дар барномаи пешазинтихоботии Президенти мамлакат ғояи "Барои қадр ва шаъну шарафи инсон" дар миён гузошта шуд ва он ба ҳамин маънӣ буд, ки таваҷҷуҳ аз марказ ба деҳот кўчонида шавад.

– Ҷои шубҳа нест, ки ҳар як деҳ ободу зебо мегардад, бо вуҷуди ин, сокинони деҳот низ бояд эҳсос кунанд, ки ҳаёташон рў ба беҳбуд овардааст ва орзуву ормонҳои онҳоро давлат оҳиста бароварда месозад. Бидуни манбаъи даромади доимӣ наметавон гуфт, ки ҳаёт беш аз пеш фаровон мешавад, – таъкид варзид Хайрулло Бозоров.

Ҳоло азхудкунии заминҳои бекорхобидаи марбути ПАМТи Катпут шурўъ шудааст ва бо вусъат идома меёбад. Ба гуфтаи Хайрулло Бозоров ин ҷо ҳама дастаҷамъона машғули кори хайр мебошанд, то ки баъди сипарӣ шудани муддати кўтоҳ қишри ба ҷои кор ва манбаъи даромад эҳтиёҷманди аҳолии ин шаҳрак соҳиби мулк ва даромади доимӣ шаванд.

– Дар заминҳои азхудшуда токзорҳои замонавӣ бунёд мегарданд ва дар он навъҳои маъмултарини бозоргир парвариш меёбанд. Дар ин самт корҳои омўзишӣ низ ба роҳ монда мешавад, то ки шаҳрвандон усулҳои нигоҳубини токзорҳоро ёд гиранд ва дар ин ҷода маҳорату малакаи хуб ҳосил намоянд. Бо мақсади таъмин бо оби обёрикунанда хароҷоти кофтани чоҳҳои амудӣ, сохтани ҳавзҳо, насби насосҳо, насби панелҳои офтобӣ ва кашидани шабакаҳои барқии захиравӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллии вилоят пардохт карда мешавад. Барои ҳар 50 гектар замин як чоҳи амудӣ мекобанд ва обёрии қатраӣ ҷорӣ карда мешавад, – гуфт Хайрулло Бозоров.

Маълум шуд, ки заминҳои азхудшуда ба миқдори 20-25 сотихӣ ҳудудан ба 4 ҳазор хонаводаи шаҳраки Катпут тақсим карда мешавад. Бонки саҳҳомӣ–тиҷоратии "Агробанк" барои онҳо ба муддати то 7 сол ва аз ин муддат 3 солаш қарзи имтиёзноки 14 фоизӣ ихтисос медиҳад. Ин маблағ дар маҷмўъ 30 миллион сўмиро ташкил хоҳад дод. Гуфта мешавад, ки




барои назми дурусти кор даромади аҳолӣ низ дақиқан ҳисобу китоб карда мешавад.

Ҳокими вилоят бо эътирофи он, ки мардуми Олтиариқ хеле меҳнатдўстанд, изҳор кард, қабл аз ба ҳосил даромадани токзорҳо аҳолии маҳаллӣ метавонад бо ёрии мутахассисон дар зери плёнка тарбузу харбуза парвариш намояд ва аз ин ҳисоб низ даромад ба даст оварад.

– Ин замин бебаҳост, замин неъмати Худост, ганҷест! Агар мо заминро дўст дорем, бо ғайрату матонат кор кунем, албатта, аз баракати натиҷаи корамон баҳраманд хоҳем шуд, – иброз дошт ҳокими вилоят.

Қарор аст, ки замини талу теппаҳо ба оилаҳои ниёзманд, хатмкунандагони мактабҳо, оилаҳое, ки ба китобҳои оҳанин ва занон шомил шудаанд, инчунин ба ҷавононе одилона тақсим карда мешавад, ки дар китоби ҷавонон ба қайд гирифта шудаанд.

Тибқи супориши ҳокими вилоят токзорҳои нав бо таҷҳизоти агротехникӣ таъмин карда мешаванд. Дар ин ҷо маркази агросервисӣ низ бунёд мегардад. Ҳадаф аз ташкили он ба фурўш баровардани ангури аълосифати Катпути ноҳияи Олтиариқ ба бозори кишварҳои аврупоӣ ва арабӣ, инчунин Чину Кореяи Ҷанубӣ мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири "Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Бозгашт ба мавзӯъ

# ЭҲТИМОЛ ДАР БУХОРО ХАРИДОР ДОРАД?

***Дар рӯзномаи "Овози тоҷик" (№10, 5.02.2022) мақолаи "Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад" эълон гардида буд. Дар он бобати солҳои 90 дар майдони Регистон гузошта шудани ҳайкали асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва ба тарзи асрорангез ғайб задану пас аз 13 сол пайдо шудани он сухан мерафт.***
***Баъдан маълумот пайдо кардем, ки масъалаи дар Самарқанд аз нав гузоштани пайкараи Рӯдакӣ ба миён омадааст.***
***Бо ҳамин муносибат мо ба раиси шуъбаи Самарқандии Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон Нуриддин Калонов муроҷиат кардем, ки дар ин бобат дақиқтар донем.***

– Ин масъалаи ҷиддӣ дар идораи мо низ баррасӣ гардид, – гуфт ӯ, – ҳайати президиуми Фарҳангистони бадеии рассомони Самарқанд дар маҷлиси худ қарор кард, ки ҳайкали наве сохта шавад. Ин кори пурмасъулият ба зиммаи ҳайкалтароши соҳибтаҷриба, дотсенти Донишкадаи сохтмону меъморӣ Туркман Эсанов ва Ҳамза Абдуев гузошта шуд ва шумо метавонед ба устохонаи онҳо рафта, бо ҷараёни кори эшон шинос гардед.

Мо, бо вуҷуди он ки якшанбе – рӯзи истироҳат буд, ба устохонаи Туркман Эсанов рафтем ва ӯро бо лоиҳакаш Ҳамза Абдиев саргарми офаридани чеҳраи Рӯдакии бузург пайдо кардем. Диққати моро ҳайкалчаҳои бешумори рӯйи рафчаҳо ва расмҳои гуногуни Рӯдакӣ дар болои мизи корӣ ҷалб карданд. Соҳибхона марди миёнақади серҳаракат, рамузфаҳм ва меҳмоннавозе будааст. Аз мақсади мо огоҳӣ ёфта, бо табассуми малеҳ ба гап даромад:

– Вақте вазифаи омода кардани ҳайкали Рӯдакиро ба ман супориданд, ба ҳаяҷон афтодам, – аз шабакаҳои иҷтимоӣ чанд расму пайкараи Рӯдакиро ёфтам, то ки чеҳра ва сару либоси хоси замони ӯро офарам. Мақоли "ҷомаи бамаслиҳат кӯтоҳ наояд"-ро ба инобат гирифта, бо ҳамкасбон, бостоншиносон суҳбат намудам.

Ёд дорам, ҳангоми дар синфи 7 ё 8-уми мактаби миёнаи рақами 6-уми деҳаи Ғазғони ноҳияи Нурато таҳсил гирифтан, назди бобоям Абдураҳим Турдиев рафта, аз он кас ҳунари сангтарошиpo меомӯхтам. Раҳматӣ дар ҷараёни кори худ ҳатман бо чанд нафар шахсони рӯзгордида ва соҳибтаҷриба машварат меорост, ки ман гувоҳ будам. Меҳри ҳайкалтарошӣ аз ҳамон айём дар дилам ҷой гирифтааст.

Ин санъатро солҳои таҳсил дар шаҳри Санкт-Петербург аз устодонам академик-мусаввирон Вадим Соколов, Вениамин Пинчук, Владимир Кристовский ва дигарон низ омӯхтаам. "Ҳеҷ шуғле бе машварат накӯ наояд" гуфта, алъон, ҳангоми дарс гузаштан ба шогирдон баробари ин ҳикматро ба онҳо талқин намудан, ҳатто аз онҳо ҳам маслиҳат мепурсам.

**– Акои Туркман, муҷассама кай тайёр ва дар кӯҷо гузошта мешавад?**

– Ғайричашмдошт, вале ҳақиқат аст, ки маҳз ҳамин саволро, се рӯз боз, яъне пас аз дар расонаҳои ахбор ва шабакаҳои иҷтимоӣ дарҷ гардидани хабари пайдо шудани муҷассамаи Рӯдакӣ масъулони вилоят ба ман медиҳанд. Ҷойи пинҳон кардан нест, масъалаи маблағ вуҷуд дошт, ки хушбахтона, ҳоло ҳалли худро ёфт. Ҳоло шабу рӯз бо ҳамин кор машғулам ва хаёл мекунам, дар арафаи иди Наврӯз тайёр мешаваду дар кӯчаи Рӯдакӣ (собиқ Титов) гузошта хоҳад шуд.

**– Пайкара аз чӣ сохта мешавад?**

– Устухонбандияш аз оҳану бетон, болояш гидроизолятсия ва ранг карда мешавад.

**– Бетон чанд сол метавонад «умр» бинад?**

– Сад сол.

**– Баландии муҷассама чӣ қадар мешавад?**

– Камтар аз чаҳор метр. Бояд таъкид намуд, ки кори хайру нек оғоз ёфт, аммо ман аз он дар ҳайратастам, ки дар Самарқанд як анъанаи номатлуб ҷорист. Ҳайкал мегузорем, вале баробари иваз шудани роҳбарон муҷассамаҳо низ ҷойи дигар "кӯч" мебанданд. Далели фикри ман муҷассамаҳои Алишери Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, корвони шутурҳост, ки аз 25 тонна чӯян сохта шуда дар рӯ ба рӯйи маҷмӯаи Регистон гузошта шуда буд. Замоне чунин ҳайкалро дар ноҳияи Самарқанд сохтам, вале он ҳам ҳозир куҷое ғайб задааст. Бинобар ҳамин бо меъморони шаҳру вилоят машварат кардан лозим, ки ҷойи ҳайкали Рӯдакӣ муқимӣ бошад, зеро он 3-4 тонна вазн хоҳад дошт, ки ҳангоми ночору ғайриихтиёр "кӯч бастан" хароб мегардад.



**– Дар мавриде, ки пайкараи пештара вуҷуд дорад, магар ҳоҷат ба сохтани ҳайкали нав ҳаст? Оё намешавад, ки онро таъмир карда, устувор кунанд?**

– Намедонам.

**– Барои сохтани муҷассамаи Рӯдакӣ озмун эълон шудааст?**

– На, ин корро ба мо ва Ҳамза Абдуев, ки эскиз-макети ҳайкалро сохтааст, супориданд.

***

Собиқ муҷассамаи Рӯдакӣ дар ҳавлии Осорхонаи давлатии Самарқанд дар ҳолати ногувор буда, ҷойи ҳақиқии худро «меҷӯяд».

– Ҳайкалро барқарор кардан мумкин, – мегӯяд академик-мусаввир Аслиддин Исоев, – вале барои ин маблағ лозим.

– Маблағ?!

– Мардуми ҳимматбаланд метавонад ин маблағро ҷамъ кунад. Танҳо ба ин мардум муроҷиат кардан лозим! – мегӯяд Исоев.

Ва ё агар дар Самарқанд ҳайкали аз ин беҳтари Рӯдакӣ бунёд гардад, пас пешинаашро ба Бухоро (агар бухориён хоста бошанд) метавон бурд ва баъди таъмир дар шафати мақбараи Исмоили Сомонӣ гузошт, ки мантиқан дуруст аст. Охир, айб аст, ки чунин асари санъат, муҷассамаи инсони бузург ҷойи муносиби худро надошта бошад!

**А. ШАРОФИДДИНОВА,**
**Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон.**

**З. ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Дарси тасаввуф

# ФАҚР

## Маънои «фақр»

Фақр яке аз фазилатҳоест, ки дар осори Навоӣ бисёр талқин шудааст. Маънои луғавии «фақр» фақирӣ, яъне камбағалист. Вале ин вожа маънии дигар низ дорад.

Метавон гуфт, ки фақр мақсади тасаввуф аст. Зеро дар гузашта ба ҷойи истилоҳи тасаввуф ибораи «фақру фано»-ро низ истифода бурдаанд, зеро тасаввуф тарғиб менамояд, ки дунё даргузар аст, Худо инсонро бо мақсади муайян офаридааст, инсон бояд умрашро дар роҳи ин мақсади олӣ сарф намояд. Дунё даргузар бошад, пас, дил бастан ба ин дунё хилофи тасаввуф аст. Ҳатто, метавон гуфт, ки тасаввуф алайҳи дунёпарастиву оқибатҳои номатлуби он ва мушкилоти иҷтимоӣ дар шакли муборизаи ба худ хос пайдо шудааст.

Дар тасаввуф пирӯзӣ ба нафс масъалаи асосист. Пирӯзӣ ба нафс адами ҳисси дунёпарастист, ҳирсро ба моли дунё коҳиш медиҳад. Сӯфиён ба моли дунё додашудагонро «аҳли дунё» номидаанд. Дар роҳи расидан ба Худо дилбастагӣ ба дунё халал мерасонад.

Дар баъзе тариқатҳои ибтидоии тасаввуф фақрро ботиниву зоҳирӣ ҳисобидаанд. Яъне сӯ-фиёне низ кам набуданд, ки аз зиндагии фақиронаи худ ифтихор доштаанд.

## Нақшбандия ва фақр

Нақшбандия аз ин ҷиҳат тариқати як андак дигар аст. Дар тариқате, ки Навоӣ низ ба он гаравидааст, агар гӯем, ки ботину зоҳир аз якдигар ҷудо карда шудаанд, таърифамон ранги дақиқтар мегирад. Намояндагони ин тариқат низ мисли дигарон аз паси меҳнат рӯз дидаанд, баъзеашон сарвати кам надоштаанд. Ва-ле сӯфӣ бояд моҳиятан ҳеч гоҳ ба моли дунё дил набандад.

Хоҷа Аҳрори Валӣ сарватмандтарини замони худ буд. Дар он давр дар нақшбандия пири бузургтар аз ӯ набуд. Ҳатто шайх Абдураҳмони Ҷомӣ низ аз Ҳирот чанд бор махсус ба зиёрати ӯ омадааст.

## Оё дороии Навоӣ қонунӣ буд?

Бигирем Навоиро. Чӣ, ӯ магар камбағал буд? На, вай низ яке аз сарватмандони бузурги замони хеш буд. Вале дороии ӯ шаръӣ, бино ба ифодаи имрӯз қонунӣ буд. Яъне бо пули ҳалол ёфтааст. Навоӣ дар соли 1481-82, вақте чил сол дошт, ба мақсади вақф кардани молу мулк, қайди амалҳои хайрия асари махсусеро бо номи «Вақфия» таълиф намуд. Дар ин асар ӯ бо роҳи шаръӣ (қонунӣ) ёфтани дороиҳояшро қайд менамояд.

Дар ин вақфия, дархури мавзӯи мавриди назар қайди муҳиме вуҷуд дорад. Навоӣ мегӯяд: аз ин миқдор дороӣ қисматеро, ки барои умргузаронии як одам кифоя мекард, нигоҳ дошта, боқимондаашро барои корҳои хайрия сарф кардам.

## Маблағе, ки ба як кас кифоя мекарда бошад, чӣ миқдор аст?

Дар ин ҷо бояд ба як ҷиҳати нозук рӯшанӣ андозем. Он маблағе, ки Навоӣ барои умргузаронии як нафар пешбинӣ кардааст, чӣ миқдор аст? Агар мо ба ин гуфта бо тасаввури имрӯз қаробат ҷӯем, хато мекунем. Бояд фаромӯш накунем, ки он рӯзгор дар ҳавлии Навоӣ камаш сад кас бо кору меҳнат машғул буд. Пас, ба ин миқдор одам ҳар рӯз хӯрок тайёр карда мешуд. Бино ба фикри олимон, ин одамон баъди вафоти ӯ ҳам чанд сол дар ин ҳавлӣ умр ба сар бурдаанд. Дар ин ҷо, ҳадаф аз хайрия, хӯрду хӯрокест, ки як одам дар як рӯз истеъмол менамояд.

## «Дороӣ»-и Камоли Хуҷандӣ

Вақте сари фақр меандешем, шоир Камоли Хуҷандӣ ба ёд мерасад. Бино ба ёддошти Навоӣ, вақте Камоли Хуҷандӣ аз зиёрати Каъба бармегашт, ҳокими Табрез муътақиди ӯ мегардад ва барои истироҳат як боғи зеборо бо иморатҳояш ба ихтиёри эшон мегузорад. Вале шайх ба дороиҳо беэътибор буд. Бузургвор дар яке аз ҳуҷраҳои бинои боғ маскан гузида, ба ҳузури худ ҳеч касро роҳ намедод. Рӯзе шайх аз ҳуҷрааш берун намеояд. Вақте хабаргирӣ медароянд, мебинанд, ки шайх ҷон ба Офаридгор супурдааст. Вале... Дар зераш ба ҷуз бӯрё чизе набуд, зери сар ба ҷойи болин сангеро гузошта буд.

Сӯфиён дар ғору козаҳо ҳам хуш умр ба сар бурдаанд. Дар байти зерин нуқтаи назари сӯфиён ба дороӣ ифода ёфтааст:

*Луқмони Ҳаким, кулба аз хору хас аст,*
*Мо раҳгузарем моро ҳамин кулба бас аст.*

Тавассути дарки фақр одам дар назди Худо оҷизии худро ҳис мекуна д. Оне, ки дар назди Худо оҷизии худро ҳис кард, даргузар будани дунёро амиқтар дарк менамояд. Дар одаме, ки даргузар будани дунёро амиқ дарк кардааст, кайфияти парҳез аз ҳаромхӯрию ҷиноят, бадӣ, ришвахӯрӣ…ташаккул меёбад.

**Султомурод ОЛИМ,**
**Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**



*Дар байни ҷавонони вилояти Қашқадарё бокс ба яке аз бозиҳои оммавии варзишӣ табдил меёбад. Дар ин самт бобати муайян намудани варзишгарони соҳибистеъдод, рушди бештари инфрасохтори бокс ва мутобиқшавӣ ба талаботи байналхалқӣ низоми нав роҳандозӣ мегардад.*

*Соли сипаригардида дар шаҳри Қаршӣ «Маркази бокс»-и замонавӣ ба истифода супурда шуд. Ҳоло дар ин ҷо 3 нафар мураббии соҳибмалака ба беш аз 120 нафар писарону духтарон асрори муштзанӣ меомӯзонад. Аъзои ҷамоаи мунтахаби бокси вилоят дар мусобиқаҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ширкат ҷуста, ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд.*

***Дар акс:** дар «Маркази бокс»-и шаҳри Қаршӣ.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

## ХАБАРҲО

### Ҳалли маҷмӯии мушкилоти аҳолӣ

Солҳои охир бобати омӯзиши мушкилоти аҳолӣ, дарёфти ҳалли мушкилоте, ки ба пешравиҳо халал мерасонанд, коҳиш додани камбағалӣ, ривоҷ додани соҳибкории оилавӣ ва масъалаҳои долузарби дигар вобаста ба баланд бардоштани дараҷаи зиндагии шаҳрвандон корҳои муҳим бештар ба амал бароварда мешаванд. Қабули сайёре, ки дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт рӯйи кор омад, ин гуна мақсадҳоро ба ҳам муттаҳид намудааст. Дар чорабиние, ки бо иштироки роҳбарони секторҳо, роҳбарони ташкилотҳои дахлдор ва вакилони халқ, ки дар ҳудуд истиқомат менамоянд, ҳокими ноҳия баромад намуд ва таъкид сохт вақти он фаро расида, ки амалдорон дигар дар боло нанишаста, ба поин, ба назди халқ фуроянд, дарди мардумро шунаванд, ба ҳар саволе, ки дода мешавад, аниқ ва равшан ҷавоб диҳанд. Дар қабули мазкур, ки дар дабистони таълими умумии рақами 209-ум ташкил гардид, бештар аз 200 нафар шаҳрвандони соҳиби касбу корҳои гуногун, аз ҷумла, нафақахӯрон ҳозир буданд. Масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки аз ҷониби депутатҳои шӯрои ноҳиявии халқ ва сохтори кор дар доираи маҳаллабайъ омӯхта шудаанд. Ба он аҳамият нигаронида шуд саволҳое, ки ҷавоби худро нигаронанд, ба таври маҷмӯӣ корбаст ва мушкилот дар ҷойи худ ҳаллу фасл гарданд.

### Пресс-тур дар ноҳияи Тошканд

Аз ҷониби ҳокимияти ноҳияи Тошканд таҳти шиори «Барои қадри инсон» бо мақсади намоиши корҳое, ки оиди офаридани қулаиҳо ба аҳолӣ ба амал бароварда мешаванд, пресс-тур ташкил гардид. Вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ аз як қатор объектҳои иҷтимоӣ дидан карданд, ба навигариҳо дар қаламрав шинос шуданд.

Дар доираи чорабинӣ ҳокими ноҳия бо журналистон вохӯрд, дар бораи корҳое маълумот дод, ки тӯли як соли охир ба иҷро расиданд, дар хусуси нақшаҳои пешистода низ гуфтугӯ ба амал омад.

Дар маҳаллаи «Озодлик» муассисаи таълими томактабӣ бо 180 ҷой ба истифода супурда буд. Декабри соли 2021 он ба боғча-мактаби хусусӣ табдил дода шуд. Акнун хурдтаракон баъди кӯдакистон синфҳои ибтидоиро ҳамин ҷо хонданашон мумкин. То соли 2021 дар ин ноҳия 13 муассисаи ғайридавлатии таълимӣ вуҷуд дошта бошад, алъон миқдори ин гуна даргоҳҳо ба 26 расидааст. Журналистон оиди таълиму тарбия дар муассисаҳои ғайридавлатӣ, таълими томактабию мактабӣ дар ноҳия тасаввурот ҳосил карданд. Маълум гашт, ки дар ноҳия ҷамъ 12 ҳазор нафар кӯдакони то синни 7 мавҷуд. Аз онҳо бештар аз 8 ҳазор нафар ба кӯдакистонҳо ҷалб карда шудаанд, ки ин наздик 65 фоизро ташкил менамояд.

Пресс-тур бо вохӯрии журналистон дар гармхонаи воқеъ дар маҳаллаи Қирариқ давом намуд. Дар гармхонаи бо технологияи Туркия ҷиҳозонидашуда 30 нафар меҳнат мекунанд, аз оби нӯшокӣ ва гази табиӣ умуман истифода бурда намешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Ба наздикӣ дар мактаби мусиқа ва санъати бачагонаи ноҳияи Самарқанд бо ташаббуси Шӯрои ноҳиявии Ҳизби демократии "Миллий тикланиш" ба муносибати 539-солагии таваллуди асосгузори сулолаи Бобуриён Заҳириддин Муҳаммад Бобур тадбири илмӣ-адабӣ баргузор гардид.***

# БОБУР – СИМОИ БУЗУРГ

Тадбирро, ки мураббиён ва хонандагони мактабҳои ҳамагонии ноҳия иштирок карданд, муаллимаи забон ва адабиёти мактаби таълими умумии рақами 17 Азиза Зокирова ифтитоҳ бахшид.

Сипас, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Собирҷон Тоҳиров, вакили Шӯрои вилоятии Ҳизби демократии "Миллий тикланиш" Ёлқинҷон Оқбӯтаев ва дигарон дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Бобур сухан карданд.

Хонандаи мактаб Шукрона Ҳомидова шеъри тозаэҷоди худро дар васфи Мирзо Бобур ба самъи ҳозирон расонд. Хонандагон аз эҷодиёти Мирзо Бобур намунаҳо қироат карданд.

Дар охир ба иштирокчиёни фаъол аз тарафи ташкилотчиёни тадбир ифтихорнома ва туҳфаҳо супорида шуд.

**Сарвинисо НАРЗУЛЛОЕВА,**
**ноҳияи Самарқанд.**

# САРҲИСОБ ВА НАҚШАҲОИ ОЯНДА

***Ба қарибӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бахшида ба ҷамъбасти корҳои бaанҷомрасидаи Иттиҳоди эҷодии журналистон дар соли 2021 ва нақшаҳоиояндаи он нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Бино ба таъкиди раиси иттиҳод О. Ӯсаров соли 2021 аз ҷониби иттиҳод як қатор корҳои васеъ дар амал иҷро шуданд. Аз ҷумла, 157 суҳбати мизи мудаввар, 87 тақдимот, 29 семинар, 46 медиа-тур, 59 вохӯрӣ баргузор шуданд ва 3 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид. Инчунин, тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ 590 маротиба: дар сайтҳои электронӣ 176, нашри чопӣ 154, телевизион 138, радио 122 маълумот доир ба фаъолият ва чорабиниҳои иттиҳод расонда дода шуд.

Дар Қароқалпоқистон ва дигар ҳудудҳо таҳти мавзӯи "Ҷамъият ва ВАО" семинарҳои минтақавӣ ташкил карда шуданд. Моҳи феврали соли гузашта бо ҳамкории шуъбаи вилоятии иттиҳод дар Фарғона дар сиҳатгоҳи «Чимён» медиафорум гузаронда шуд ва дар он аз ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ 100 нафар журналист иштирок карданд. Бо ташаббуси шуъбаи самарқандӣ таҳти мавзӯи "Аҳамияти маҳорати журналист бобати тарғиб ва равшан намудани ислоҳотҳо дар мамлакат" семинар баргузор шуд, ки дар он журналистони вилоятҳои Ҷиззах, Навоӣ ва Самарқанд иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ ба нақшаҳои ояндаи иттиҳод таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Таъкид гардид, ки такя ба барномаи давлатии "Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол" 24-31 март дар вилояти Навоӣ ташкил намудани медиафорум бо номи "Журналистикаи миллӣ: анъанаҳои бардавом ва замонавӣ", дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд гузаронидани семинари "Нури умед", инчунин ба вилояти Ҷиззах сафарбар намудани пресс-тур ба назар гирифта шудааст. Гуфта шуд, ки бо иштироки журналистони хориҷӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори маҳаллӣ бахшида ба хотираи журналист Сафар Остонов баргузор намудани мусобиқаи мини-футбол, ба хотираи Сайдӣ Умиров ташкил намудани мусобиқаи шоҳмот низ пешбинӣ гардидааст. Маълум аст, ки бо иттиҳоди журналистони давлатҳои Хитой, Кореяи Ҷанубӣ ва Русия меморандум ба имзо расидааст. Дар давоми соли ҷорӣ бо мақсади таъмини мубодилаи таҷриба бо журналистони Туркия, Тоҷикистон ва Озарбойҷон сафарҳои эҷодӣ ташкил хоҳем дод, гуфта шуд дар чорабинӣ.

Нишасти матбуотӣ доири ин ё он мавзӯъ баргузор мешаванд, намояндагони корхонаву ташкилот, вазорату идораҳо корҳои дар амал иҷрошудаашонро сарҳисоб мекунанд. Вале маълум мешавад, ки ошкорӣ, шаффофият дар кори онҳо он қадар ба назар намерасад.

Дар поёни чорабинӣ доир ба барномаи "Yurida-Matbuot" маълумот дода шуд ва ба таҳририятҳо сертификати ин барнома супурда шуд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

# КИТОБХОНОНИ ҶАВОН МУАЙЯН ШУДАНД

***Боиси хурсандист, ки ба китобхонӣ ҷалб намудани ҷавонон, ба дараҷаи мислаш диданашуда ҳавасманд гардондани китобхонони беҳтарин имрӯз дар мамлакати мо ранги одатро гирифтааст.***

Сол то сол зиёд гардидани сафи китобхонон ба дилҳо сурур мебахшад. Озмуни «Китобхони ҷавон» бинобар синну сол дар се тоифа ба амал омад. Марҳилаи вилоятии озмун аз 31 декабр то 1 феврал дар «Маркази ҷавонон»-и шаҳри Бухоро баргузор гардид. Дар он 67 нафар ғолибони шаҳру ноҳияҳои вилоят дар се гурӯҳ бо ҳам қувваозмоӣ карданд. Дар натиҷа ғолибон ва ҷоизадорони озмун муайян гардиданд.

Аз байни наврасони 10-14-сола ҷойи якум ба Мухлиса Насимова, дуюм ба Ҷасур Намозов ва ҷойи сеюм ба Илҳом Идиев насиб кард. Дар байни ҷавонони 15-19 сола ҷойи аввалро Шаҳригул Ҷумъаева, дуюм ва сеюмро Шарифҷон Фозилов ва Нигина Исмоилова гирифтанд. Байни иштироккунандагони 20-30-сола Шамшода Ҳамдамова, Моҳларойим Ярашева ва Гулшода Шоимова ҷойҳои ифтихориро ба даст даровардаанд.

Аён аст, ки дар озмун ҷавонони шаҳри Бухоро бо тайёрии пухтатар иштирок карданд. Ғолибон ва соҳибони ҷойҳои ифтихорӣ бо диплом, сертификат ва туҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд.

Ғолибони озмун ба марҳилаи ҷумҳуриявии озмун баромаданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

**Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол**

# ...КИ АЗ ДУХТАР БУВАД ПАЙВАСТА ШОДӢ

Фасли баҳор, айёми Наврӯз буд, Худо ба деҳқони асил Насриддинамак Нуриддинов боз духтар дод. Гарчанд умед дошт, баъди духтаронаш Мунира, Амира, Сафия, Мавлуда писардор мешаваду вай мисли падар каландзан шуда, бо кишоварзӣ машғул мегардад...

Барои табрик аввалин шуда духтари хоҳарарӯсаш, муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик Мунаввара Дӯстбоева омад ва ба холаи ошуфтахотираш Муаззама бо завқ гуфт:

*Машав ғамгин, агар духтар бизодӣ,*
*Ки аз духтар бувад пайваста шодӣ.*
*Басо духтар, ки соҳибтоҷ гардад,*
*Ба пешаш сад писар муҳтоҷ гардад!*

Дере нагузашта сардори авлод, собиқ раиси деҳшӯро Тоҷбахш Пардаева ташриф фармуда, ба писари додаршӯяш тасаллӣ дода, фаҳмонд, ки баъзе оилаҳо ба нохуни фарзанд зоранд...

– Ҳамааш нағз, – бо истиҳола, соддалавҳона изҳор кард Насриддинамак, – аммо баъзеҳо «писараш нест» гуфта, тамасхур мекунанд, таъна мезананд...

– Одамони шуурашон паст буданду ҳастанд, – қиёфаи ҷиддӣ гирифт Тоҷбахшхола, – ана, шумо бо каландзанӣ ба замин ҳаёт бахшед, модар – занон оламро поянда медоранд.

– О, шоирони тоҷик беҳтарин шеъру ғазалҳои худро ба занону духтарон, аз ҷумла модарон бахшидаанд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд муаллимаи сухандону шеърдон Мунаввара.

Насриддинамак чун гулҳои баҳорӣ шукуфт ва табъаш болида гашт. Тоҷбахшхола барои муждагонӣ як қабза пулро ба модари кӯдак дод ва ба ҳаққи тифлаки навзод дуои нек кард. Мунаввара ба тифлак нигариста гуфт, ки духтарча чашмони шаҳло дорад, ӯро Шаҳлобону номгузорӣ кунанд.

Падар баъди зиёфат ба идораи ақди никоҳ рафт, ки гувоҳнома гирад.

– Хӯш, амакҷон, ба духтарча чӣ ном мегузорем? – пурсид мудира, – аҳли оила чӣ гуфтанд?

– Холабачааш омаду ба рӯяш нигариста, номи зеборо пешниҳод кард, – ба фикр ғӯта зад Насриддинамак, – аз хотирам баромад, хоҳар.

– Дар рӯяш хол дошта бошад, Холнисо-дия, амакҷон, – гуфт мудира.

Ана ҳамин тавр фарзанди панҷум номи Холнисоро гирифт. Аммо ҳама тифлаки дӯстрӯяки хандону балочаро навозишомез Нисо мегуфтанд. Вай мисли дигар хоҳаронаш дар оғӯши боғу саҳро чун гувоҳи меҳнату заҳмати волидайн ба камол расид. Гоҳо аз дасти падар каландро гирифта чунон замин мегардонд, ки аз баъзе писарҳо кам набуд. Муҳимаш Нисо ба деҳқонию боғбонӣ ва чорвопарварӣ дил баст.

Ва баъди хатми мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 16-уми ноҳия ба факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супурд. Барои ба шуъбаи рӯзона дохил шудан чанд хол нарасиду дар бахши шабона бо иштиёқ ба илму донишандӯзӣ пардохт. Барои ҳалли мушкилоти рӯзгор фаъолияти касбии худро ба ҳайси ёрдамчии мудири шуъбаи ташхиси шифохонаи марказии ноҳияи Самарқанд оғоз кард. Роҳбари шӯъба Саидмурод Нарзуллоев ба ҳар як амали навкораш диққат дода, дарк намуд, ки Нисо вазифашинос, қатъӣ, ҳалиму хоксор аст. Кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки супоришро аз сидқи дил, бо маслиҳату машварат иҷро кунад. Барои ҳамин ҳам Саидмурод Нарзуллоев, ҳангоми ба нафақа рафтан Нисо Нуриддиноваро ба ҷойи худ тавсия намуд. Ва инак, беш аз 20 сол аст, ки ӯ ҳамчун роҳбари соҳибтаҷриба ва чашмикордон фаъолият мебарад. Ин бонуи масъулиятшинос доимо дар фикри беҳбудии саломатии мардум аст.

– Барои муайян кардани бемориҳо натиҷаҳои ташхис хеле муҳиманд, – мегӯяд Нисо. – Бо мурури замон ва ғамхории сарвари давлатамон шароити хизматрасонии тиббӣ рӯ ба беҳбудӣ меоварад. Агар чанд сол пеш ҳамагӣ панҷ-шаш нафар ходим дошта бошем, ҳоло шумораи онҳо аз сӣ нафар зиёд аст. Ғайр аз ин асбобу анҷомҳои зарурии тиббӣ дорем. Мақсадамон сари вақт муайян намудани беморӣ ва ҳифзи саломатии мардум аст.

– Агар гӯям, ки аксарияти ходимон шогирдони апаи Нисо мебошанд, муболиға намешавад, – гуфт шифокори ташхисгузор Моҳинабону Раҳматова. – Натанҳо ҷамоа, корафтодагон низ ӯро барои ақлу хирад, дилёбию хоксорӣ, далерию устувориаш ҳурмату эҳтиром мекунанд.

– Бесабаб соли равон Соли гиромидошти инсон эълон нагардид, – гуфт ҷонишини сардухтури шифохонаи марказии ноҳия Замира Маъмурова. Нисо ба ситоиш меарзад. Фазилатҳои неки инсонии ӯ хеле бисёр. Кош ҳама мисли вай ба касби хеш садоқатманд шаванд.



Воқеан, Нисо Нуриддинова дар гузари Мирзо Улуғбек аз занҳои фаъол аст. Барои камхарҷу ихчам гузаштани маъракаҳои мардум низ саҳми арзанда мегузорад. Аз ҳама муҳимаш барои пос доштани хотири неки падару модараш мунтазам қабри онҳоро зиёрат мекунад.

– Бовар кунед, – боре таъкид намуд корманди қабристони Хоҷа Аҳрори Валӣ Ҷӯрақул Раҳмонов, – баъзе писарҳо солҳои сол аз марқади волидайн хабар намегиранд. Аммо апаи Нисо ҳар бегоҳии панҷшанбе ва якшанбе ба қабристон меояд. Ӯ бо хоҳаронаш на танҳо қабри падару модар, инчунин дигар авлодашонро тозаву озода нигоҳ медоранд, гулҳои тару тоза мегузоранд.

Бо ягона фарзанд – гулдухтараш Интизорбону, ки дар Қабулхонаи президентии ноҳияи Самарқанд ходими масъул аст, бинобар тақозои касб тез-тез вохӯрӣ мекунем, дар бораи модараш ҳамеша бо ҳаяҷону ифтихори хосса ҳарф мезанад.

– Модари ғамгусори ман, қуввату шодии рӯзгори ман, аз ҳама кас накӯкор, аз ҳама кас хубрӯ, боиси обрӯ буданд, худ нахобида маро хобонданд, худ напӯшида маро пӯшонданд, аз қисматам бохабар, аз азобу роҳатам воқиф, пандомӯзу дуогӯ, машъали тобанда, чашмаи илҳому иқболи баланд, мисли дил дар синаам ҷо буданд, модари ҷонам...

Қаҳрамони иншои мо, Нисо Нуриддинова ба наберагонаш Зулфиябону ва Саидаҳмад бештар таронаҳои халқиро ёд медиҳад, то ки онҳо низ сухандону сухансанҷ шаванд, дӯстрӯякони худро бо корҳои боғбонию деҳқонӣ шинос мекунад, ки ба табиат дил баста, бо гузашти айём аз ҳосили боғу замини худ баҳраманд гарданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

**Рангоранг**

# ТОБУТИ МОДАР

Нақл мекунанд, ки нависанда Саид Аҳмад дар оғози фаъолияти эҷодӣ, барои он ки аввал паст ва баландиҳои рӯзгорро омӯхта, баъд воқеоти ҷолиби онро ба риштаи тасвир кашад, зуд-зуд ба сафарҳо баромада, ба рӯйдодҳои зиндагӣ аз наздик шинос мешуд. Чунончи, вай борҳо дар водии Фарғона, аз ҷумла, чӯлистонҳои нопайдоканори Ёзёвон шуда, ҳатто ғаму ташвишҳои азхудкунандагони заминҳои навкорамро ба ҳам дида, баъд ба эҷоди ҳикоя, қисса ва романҳо шурӯъ намудааст. Қаҳрамонҳои романи сегонаи «Уфуқ», дар ин қатор, одамҳои воқеианд...

Персонажи яке аз ҳикоёташ, ки Раҷаб ном дорад, дар заминҳои навкорам ронанда аст. Вай дар Ёзёвон дӯстони нав пайдо мекунад. Пиразанеро, ки писари ягонааш Неъмат дар фронт аст, барояш модар мехонад. Аз ҳолаш писарвор хабар гирифта меистад.

Зани солхӯрда, ки баъди ба ҷое расидани синнаш писардор шудааст, аз шавҳар (бинобар дар дарё ғарқ шудани ӯ) ҷудо шудааст. Кас, ки надорад, баъзан назди коргарзанони шӯху базлагӯ, ки асосан каналкобҳоянд, омада, ба онҳо суҳбат карда, андак сабук мешавад. Онҳо ба пиразан мегӯянд:

– Писаратон аз ҷанг ояд, киро келин мекунед?

– Духтари аз ҳама зебо ва боақли Ёзёвонро, – мегӯяд вай.

– Ман ба писаратон мерасам, – мегӯяд духтаре.

– Не, ман келин мешавам ба шумо, – дугонаи он духтар даст ба гардани пиразан ҳалқа мекунад.

– Духтарҷонҳо, хафа нашавед-ку, шумо ба оина менигаред ё не? Якетон пучуқ, дигаратон пахмоқмӯ. Духтар қоида худро оро медиҳад, ҳар рӯз ба худаш менигарад. Бегоҳ ба хонаам оед, ҷурғот медиҳам, саратона нағзакак шӯед. Ӯсма коридаам, ба абрӯтон молед.

– Хуб, меравем, – мегӯянд духтарҳои шӯх чуғур-чуғуркунон.

Пиразан ба хонааш бармегардад. Хандаву хурсандии духтаронро низ бо худ мебарад гӯё.

Як муддат назди азхудкунандагони чӯл наомада мемонад вай. Ҳама хавотир мекашанд. Хусусан, писархондаш Раҷаб.

Раҷаб вақте ба кулбаи пиразан рафт, вай ҳоли табоҳ дошт. Хабари ба бемороҳонаи ҳарбӣ афтодани писараш, бурида шудани яке аз пойҳои ӯро шунида, якбора ба ҷогаҳ афтодааст. Вай менолид: «Неъматҷон, поятро буриданд? Бо пои бурида чӣ тавр меоӣ? Маро кӣ гӯр мекунад – кӣ як каф хок ҳаво медиҳад ба болои қабрам?»

Нолишҳо, баъди боз ҳам вазнинтар шудани аҳволаш, ба ҳазён табдил меёбанд. Гоҳ ба ҳуш меомад ва такрор мекард: «Тӯятро надидам. Ақаллан як бор рӯякатро бинам!»

Раҷаб, писархондаш, мехост тасаллӣ диҳад кампирро, кӯшишҳояш беҳуда мерафтанд. Занак вафот кард. Раҷаб вазифаи фарзандӣ ба ӯҳда гирифт, ба маросим сару бар гардид. Дар он рӯзгори пурошӯб, ки мардҳо асосан дар фронтанд, тобутбардор низ камёфт. Вақте тобут ба қабристон равона гашт, каналкобон, кори худро гузошта, ба издиҳоми хурд ҳамроҳ мешуданд. Хеле одам ҷамъ гашт то қабристон. Ҷавони ҳарбие лангида пеш меомад. Чун тобут наздик гашт, халтаи сафарӣ ба кунҷе ниҳод ва бо азобе худро ба тобут расонда, як пои онро бардошт. Вале даҳ-дувоздаҳ қадам пеш рафта тавонисту халос – пои чӯбин имкон надод роҳашро давом диҳад. Ноилоҷ аз саф баромад, ланг-лангон ба сӯи халтаи сафарӣ қадам ниҳод. Ҳушу хаёли вай ба модараш...

Вақте Раҷаб ҳамроҳи мардум майитро ба хок супурд ва ба кулбаи марҳума баргашт, нафаре сутуни айвонро оғӯшкунон баҳушу беҳуш «модарҷон» мегуфт. Вай Неъмат буд. Ду соат қабл, дар роҳи қабристон, хабар надошт аз тобуте, ки чанд қадам як пояи онро бардошт, тобути модараш буд.

...Ба ҳамин гуна ҳодисаҳо низ шахсан гувоҳ шуда ё бо одамоне, ки ин тавр саргузаштҳо доштаанд, аз наздик суҳбат карда, баъд ба паси мизи корӣ менишастааст адиби пурдида Саид Аҳмад.

**Ш. МУҲАММАД.**




# ЗОҒАКИ МЕҲРУБОН

*(Лавҳа)*

Баъди суҳбат бо муаллимаам ба хона баргаштам ва дар роҳ суханони ӯ дар зери гӯшам гаштаю баргашта садо додан гирифт: “Наход, Рухшона, дар ҳаётат ягон воқеаи аҷоиб ё ин ки ҳайратовару таъсирбахш рӯй надода бошад? Ана ҳамон воқеа ҳикояи аҷибе шуданаш мумкин. Навис, ба рӯйи қоғаз биёр». Фикр кардам, фикр кардам ва ба ёдам омад: он зоғе, ки бо ман “ҷанг”карда буд, ба он “зоғи меҳрубон” ном гузошта будам.

Яке аз рӯзҳои фасли баҳор буд. Дар ҳавлӣ машғули корҳои рӯзгор будам. Дар сӯрохии боми ошхонаамон чанд сол аст, ки зоғе лона гузошта, ҳар сол тухм монда, чӯҷа баровarda, онҳоро парронча мекард. Ҳамон рӯз барои чизе ба тарафи ошхона гузаштам. Ногоҳ зоғи барои ман шинос “ғақ-ғақ” овоз баровarda дар болои сарам ду-се маротиба давр заду ба шохи дарахти себ, ки дар ҳамон наздикӣ буд, нишаст. Ман аз ин ҳол ҳайрон шудам: ба ин чӣ шуда бошад, ки ин қадар безобита аст. Дар вақти аз назди ошхона баргаштанам боз чунин ҳол, яъне “ҷанҷол”-ро такрор кард.

Ин ҳол қариб 4-5 рӯз давом кард. Ман фаҳмидан хостам, ки сабаби ба хашм омадани зоғи ошно чӣ бошад. Аз дур рӯзе назора карда дидам, ки зоғ хеле серҷунбуҷӯл аст. Гоҳо алаф, гоҳо хаси хушк, гоҳо магасу мӯру малах мекашонад. Ҳа.., ана гап дар куҷо! Акнун донистам, ки ин зоғи меҳрубон аз мо чӯҷаҳои худро ҳимоя карданӣ мешудааст. Солҳои гузашта ман хурдтар, яъне қадам пасттар буд, бинобар ин аз ман дилаш бехавотир будааст, ки ба он зарар намерасонам. Акнун, ки калонакак шудаам, аз ман тарсу бим дорад, ки ба бачаҳояш ягон зарар расониданам мумкин. Барои ҳамин ҳам ҳар гахе, ки дар атрофи лонааш овози шарпаи пой шунида мешавад, ӯ ба “ҷанг”мебаромадааст. Бо ин усул чӯҷаҳои худро аз хатар наҷот доданӣ аст.

Ана, меҳри модарӣ. Ана, меҳрубонии як парранда, ки ба ном модар аст.

Ҳамаи модарон, хоҳ онҳо паррандаанд, хоҳ даррандаанд, хоҳ инсонанд, барои ҳимояи фарзандони худ тайёранд, ки ҷони худро фидо созанд.

Модар! Фариштаест, ки Худованд баҳри фарзандон ато кардааст.

**Рухшона МУРОДИНОВА,**
**хонандаи синфи 10-уми**
**мактаби таълими умумии**
**рақами 44-уми**
**ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти**
**Тошканд.**

## Дар васфи зан

Зан ҳама чизро мебахшад, вале фаромӯш намекунад.

***

Занро дуруст интихоб кун, зеро тамоми хушбахтӣ ва бадбахтиат ба ӯ вобаста аст.

***

Ғами занон ба мисли шамоли тобистон аст, бошиддат ва кӯтоҳ.

***

Шарм зебо аст ва дар занҳо зеботар.

***

Зане, ки мӯдро тарк намекунад, занест, ки ба худаш ошиқ аст.

***

Беҳтарин зан он аст, ки ба шавҳараш муҳаббат изҳор мекунад.

***

Зане ҳаст, ки хона месозад, зане ҳаст, ки хона месӯзад.

***

Зани солеҳа бош, то барои шавҳарат неъмати ҷаннат бошӣ.

***

Зани солеҳа барои шавҳараш неъмати ҷаннат аст, зани бад – азоби ҷаҳаннам.

Таҳияи **Б. САОДАТ.**

# ДУХТАР БАРОБАР АСТ БА КУЛЛИ ДУНЁ

*(Қатра)*

Шахсе вафот кард ва баъди ҷанозааш як нафар гуфт:

– Ин шахс аз ман фалон қадар қарз аст, то қарзи маро пардохт накунед, намегузорам ҷанозаашро бардоред.

Писаронаш баҳонаеро пеш оварда гуфтанд:

– Мо аз ин хабар надорем. Падарамон дар ин бора чизе нагуфта буд...

Аммо духтараш рафт ва чӣ қадар зару зевари тиллоие, ки дошт, оварду гуфт:

– Амак, ҳоло шумо инро гиред, бақияашро низ пардохт мекунам, намехоҳам ҷасади падарам ба хотири қарзаш дар ин дунёву он дунё азоб кашад.

Вале он мард посух дод:

– Ман аз падари шумо қарздор будам, танҳо мехостам бифаҳмам, ки мероси падаратон ҳаққи кист?

Агар доштани писар баробар ба ними дунё бошад, пас доштани духтар баробар аст ба кулли дунё.

Таҳияи **Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

# АКТРИСАИ ТОҶИК ДАР “ӮЗБЕКФИЛМ”

Филмофарони Тоҷикистону Ӯзбекистон аз дер ҳамкорӣ карда меоянд. Дар мустаҳкамии пояҳои равобит дар ин сохтор актрисаҳо низ нақши равшан доранд. Аз Ӯзбекистон Ойбарчин Бакирова, Ойдин Норбоева, Тамара Шокирова дар якчанд картинаҳое, ки истеҳсоли “Тоҷикфилм” мебошанд, нақш бозида бошанд, актрисаи тоҷик Сайрам Исоева, бинобар ҳамкориҳои дурудароз ва самаранок бо “Ӯзбекфилм” ба яке аз маликаҳои кинои ӯзбек табдил ёфтааст.

Духтари тоҷик Раъно Ҳамроева низ бо эҷодкорони ӯзбек дар риштаи синамо ҳамдастӣ дошт. Вале наҳама аз ин хабардор. Ҳоло хостем дар бораи фаъолияти эҷодии ӯ ва ҳамкориҳояш бо филмсозони халқи бародар чанд сухан гӯем.

Раъно 28 марти соли 1941 дар ноҳияи Ғарми Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Таҳсилкардаи омӯзишгоҳи хореографии назди театри академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ (1954-1958) мебошад. Баъди хатми ин даргоҳ вай дар театри академие, ки зикр гашт, ба сифати актрисаи балет ба фаъолият шурӯъ намуд. Муддате дар телевизиони тоҷик ассистенти коргардон шуда кор ҳам кард. Сонӣ аз Душанбе ба Тошканд омад. Солҳои 1963-1966 дар Институти театрӣ-рассомии ба номи Островскийи Тошканд таҳсил намуд. Ҳамзамон дар киностудияи “Ӯзбекфилм” фаъолият пеш бурд.

Ҳамроева тӯли солҳои 1970-1972 дар сарредаксияи филмҳои ҳуҷҷатии телевизиони Ӯзбекистон ҳамчун ёвари коргардон адои хидмат намудааст. Аз соли 1972 инҷониб дар асоси шартнома дар риштаи кинософӣ кор мекунад.

Актриса дар 35 лоиҳа нақшҳои хурду калон бозидааст. Яке аз филмҳои машҳуре, ки ӯ образи ҷолиб офарид, маҳсулоти “Ӯзбекфилм” – “Куҷоӣ, Зулфияи ман?” (ё худ “Ёр-ёр”) мебошад, ки соли 1964 наворбардорӣ шудааст. Коргардони он Алӣ Ҳамроев, муаллифи сенария Раҳмат Файзӣ, наворбардор Тулқун Рӯзиев мебошанд.

Дар филми мусиқӣ-мазҳакавии зикршуда, ки борҳо тамошо карда бошем ҳам боз тамошо карданамон меояд, коргардон гӯё маҳз ансамбли нақшофарони машҳурро ҷамъ намудааст: Соиб Хӯҷаев, Бахтиёр Ихтиёров, Шукур Бурҳонов, Олим Хӯҷаев, Раззоқ Ҳамроев, Онахон Тоҷибоева, Ғанӣ Аъзамов, Ҳамза Умаров, Ҳабиб Наримонов, Қудрат Хӯҷаев, Раҳим Пирмуҳамедов, Турсуной Ҷаъфарова ва дигарон. Дар байни ин чеҳраҳои намоёни ҳунар тоҷикдухтар Раъно Ҳамроева низ қарор дошт, ки ҳанӯз донишҷӯи донишкадаи театрӣ буд.

Яке аз масъалаҳо, баробари ҳамин, лавҳаҳои ҷолиби филм – якдигарнофаҳмии ҷонибҳо, проблемаи қалин, ба модари арӯс, ки ба “тарзи куҳна” духтар доданист, “тағо ва ҷиян” шуда “маслиҳатдиҳӣ”-и падару писар ва ниҳоят барпои тӯйи замонавист.



*Раъно Ҳамроева дар филми «Аэропорт аз дари хидматӣ» (с.1986).*

Нақши арӯси хушбахтро Раъно Ҳамроева бозидааст. Дар филм, воқеан, раққосаҳои номвар Галия Измайлова ва Гулнора Маваева низ ҳунарнамоӣ кардаанд. Сурудҳои Ботир ва Луиза Зокироваҳо, Саодат Қобулова, Эргаш Юлдошев, Таваккал Қодиров истифода шудаанд. Оҳангсозҳо – Донӣ Зокиров, Манас Левиев, Сулаймон Юдаков. Нигаред, чӣ қадар шахсони маъруф. Иштирок дар картинае, ки эҷодкоронаш ситораҳои санъатанд, барои актрисаи ҷавони тоҷик бахти баланд буд.

**М. ШОДИЕВ.**

# 31 СОЛИ МОДАРИ ЧАШМИНТИЗОР

*(Ҳикоя)*

Маъмури давлатӣ дари хонаи кампирро кӯфт. Пиразан дарро боз намуд. Маъмур пурсид:

– Ассалому алайкум! Дар хона чанд нафар ҳастед? Шиносномаҳоятонро пешниҳод намоед, то сабти ном кунам.

Пиразан ба кӯча нигоҳ карда, бо чашмони пур аз ашк гуфт:

– Агар имкон бошад, фардо меомадӣ.

Маъмур гуфт:

– Модар, чӣ фарқ дорад, имрӯз ё фардо?

Пиразан:

– Шояд писарам имрӯз баргардад ва мо то фардо се нафар шавем.

Дар ин ҳангом ҳамсояи пиразан ба суҳбат ҳамроҳ шуда, ба маъмур гуфт:

– 31 сол мешавад, ки ҷигарбанди аздастдодаашро мунтазир аст. Ҳар ҷое равад, калиди хонаашро ба ман мегузораду мегӯяд:

– Шояд дар набудани ман писарам ояд, хаставу монда моро интизор нашавад...

Таҳияи
**Далер АЗИЗОВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 752 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.